«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ.,
дотсент, генерал – майори милитсия
________________ Шарифзода Ф.Р.
«15» 06 __________ соли 2022

# ХУЛОСАИ ИЛМИИ

кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

оид ба мубрамият ва аҳаммияти тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба Хоҷазода Фурқат Файзалӣ аз рӯи ихтисоси илмӣ 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Тадқиқоти диссертатсионии Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо қарори Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи № 10 аз 25 марти соли 2019) тасдиқ гардидааст ва дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқшаванда дар маҷмӯъ 6 маводи чопӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маводи илмӣ дар дигар маҷаллаҳои даврӣ, ба чоп расонида шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (шаҳодатнома аз 7-уми июни соли 2022, №113).

Дар натиҷаи баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Ф.Ф. Хоҷазода дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи

қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулосаи зерин қабул карда шуд:

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Дар муддати бист соли охир дар Тоҷикистон ва ҷаҳон вазъи мураккаби криминогенӣ ба вуҷуд омадааст. Тибқи омори ҷиноятӣ, тамоюли афзоиши шумораи суйиқасди ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда ҷой дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 80% ҷиноятҳои содиршуда ошкор гардидаанд, аммо дар баробари ин, шумораи ҷиноятҳои содиршуда низ зиёд шуда истодаанд. Ҳамин тариқ, агар соли 2021 дар саросари кишвар 23,1 ҳазор ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2020 ин шумора 23,4 ҳазор ҷиноятро ташкил додааст.

Тарҳрезии илмии проблемаи интихобкардаи унвонҷӯ, инчунин бо он асос меёбад, ки дар замони муосир таҷдиди низоми пешгирии криминализатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дахлдорӣ ба ҷиноят начандон дуруст ҳамчун категорияи «нимфаромӯшшуда»-и ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мондааст. Ин дар ҳолест, ки масъалаҳо оид ба рафъи сабабу шароите, ки барои содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат мекунанд, таносуби таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят, ҷудо кардани зуҳуроти ҳуқуқӣ-ҷиноятии баррасишаванда аз шарикӣ дар ҷиноят ва ғ. ҳоло ҳам рӯзмарра мебошанд.

Таҳлили илмии масъалаҳои зикргардида, инчунин, бо ислоҳоти идомаёфтаи қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории ба он наздик дар бораи ҷавобгарӣ барои намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят асоснок карда мешавад.

Ҳолати мазкур шаҳодати он аст, ки ҷустуҷӯи механизмҳои беҳтарини (муносиби) қонунгузорӣ оид ба пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят идома дорад. Чунончӣ, муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятиро аз сӯйиқасд ба ҷиноят пурра таъмин намекунад, зеро дар низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ мавҷуд будани камбудиҳои алоҳида ва низомнокии дақиқи аломатҳои дахлдорӣ ба ҷиноят, ки ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ҷой дорад.

Нокифоягии танзими ҳуқуқии дахлдорӣ ба ҷиноят бо мавҷудияти меъёрҳои мавҷудбуда дар қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда пайваст аст, ғайр аз ин, камбудиҳо дар танзими меъёрии дахлдорӣ ба ҷиноят бо мавҷуд набудани дар қонунугзорӣ таркиби ҷиноят, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои беҳаракатии шахсони мансабдор пешбинӣ

мекунанд, ҳамчун ҳодисаи хусусии он саҳлангорӣ дар содир шудани ҷиноят алоқаманданд. Ин ва дигар камбудиҳои зикргардидаи қонунгузории ҷиноятӣ боиси хатоиҳои банду басти ҳуқуқии кирдори содиршуда мегарданд. Баъзе камбудиҳо дар амалияи татбиқи дастурҳои меъёрӣ дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят бо хислатҳои баҳсталаб будани як қатор тавзеҳоти мақомотҳои болоии судӣ ва мухталиф будани тавсияҳои илмие, ки ба кормандони амалия пешкаш карда шудаанд, асос меёбанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар натиҷаҳои пешниҳодот ва тавсияҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, зоҳир мегардад.

Дар рисолаи илмӣ ҳафт нуктаҳои илмиро вобаста ба дахлдории ҷиноят ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, пешниҳод намудааст, ки моддаи 347[1] “Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда аз ҷониби шахсони дигар” ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова карда шавад ва онро асоснок намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи амсилаи муаллифии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ва таъмини амалияи қонунэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқии низоми муқаррароти илмӣ оид ба чораҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба чунин кирдори хавфноки ҷамъиятие иборат аст, ки содир намудани ҷиноятро аз тарафи шахсони дигар асоснок мекунад ва ё барои аз адолати судӣ пинҳон кардани онҳо замина ба вуҷуд меоварад.

Дар доираи рисолаи мазкур бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ меъёрҳо дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят аз нуқтаи назари сохторҳои ҳуқуқӣ, ки ба пешгирии намудҳои алоҳидаи ҷиноят ва боздошти аз нав ба вуҷуд омадани онҳо нигаронида шудаанд, мавриди таҳқиқот ва таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия тафсири муаллиф дар бораи мафҳуми умумии дахлдорӣ ба ҷиноят ва намудҳои алоҳидаи он оварда шудааст. Муаллиф таҷрибаи муосири тафтишотӣ ва судиро, ки ҳангоми банду басти ин ё он намудҳои дахлдорӣ мушоҳида мегардад, мавриди таҳлил қарор дода, оид ба такмили фаъолият вобаста ба татбиқи ҳуқуқӣ пешниҳоду тавзеҳот таҳия намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар натиҷаҳои пешниҳодот ва тавсияҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, зоҳир мегардад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бо ҳалли вазифаҳои илмӣ, қонунэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Натиҷаҳои таҳқиқ муносибати навро нисбат ба ҳалли проблемаҳои зиёди рӯзмарра, ки ба масъалаи танзими ҳуқуқии алоқамандӣ ба ҷиноят дар умум ва намудҳои алоҳидаи он, дар ҷараёни такмили қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ,

инчунин, дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ бахшида шудааст, асоснок мекунанд.

Хулосаҳои бадастоварда имкон медиҳанд, ки мавқеи мавҷудаи олимонро оид ба дарки консепсияи дахлдорӣ ба ҷиноят аз нав дида баромада, натиҷаҳои таҳқиқот бошад, имкон медиҳанд, ки проблемаҳои мазкур дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон аз мавқеъҳои нав мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Хулосаҳои бадастоварда ба дигар олимон имкон медиҳанд, ки проблемаи дахлдорӣ ба ҷиноятро мавриди таҳқиқ қарор дода, методологияи дигари таҳқиқотро истифода баранд. Ҳамаи ин сатҳи баланди фаҳмиш ва бандубасти дурусти институти дахлдорӣ ба ҷиноятро таъмин хоҳад кард.

Пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур метавонанд, ҳам дар раванди таълим, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фанҳои ба он марбут, аз ҷумла, дар омода кардани адабиёти дахлдори таълимӣ оид ба ин фанҳо ва ҳам дар фаъолияти амалии мақомоте, ки ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд, истифода бурда шаванд.

Диссертатсияи таҳиянамудаи Ф.Ф. Хоҷазода дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва нашри мақолаҳо аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод гардидаанд.

Мақолаҳои илмии унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

1) Хоҷазода Ф.Ф. Нишонаҳои объективии пинҳонкунии пешакӣ ваъданашуда [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. - №5. Қисми II – С. 247-252. ISSN 2413-5151;

2) Хоҷазода Ф.Ф. Таркибҳои мустақили ҷиноят ҳамчун намуди дахлдорӣ ба ҷиноят дар мисоли қонунигардонии даромадҳои дар натиҷаи ҷиноят бадастоварда [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №2. – С. 196-200. ISSN 2413-5151;

3) Хоҷазода Ф.Ф. Падидаи даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии хориҷӣ [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - №2(26). – 2022. – С. 165-176. ISSN 2414-9217;

4) Хоҷазода Ф.Ф. Таърихи пайдоиш ва ташаккули институти даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - №3(27). – 2022. – С. 160-173. ISSN 2414-9217.

Маводи илмии унвонҷӯ, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

1) Хоҷазода Ф.Ф. Проблемаҳои асосҳои объективии принсипи тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №5. – С. 254-265. ISSN 2413-5151;

2) Хоҷазода Ф.Ф., Шарипов Т.Ш. Баъзе ҷанбаҳои қонунигардонии (расмикунонии) маблағҳои пулӣ, ки бо роҳи ҷиноят ба дастоварда шудааст [Матн] / Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №6. – С. 257-266. ISSN 2413-5151.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми бориз дошта бошанд.

Рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Ф.Ф. Хоҷазода дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), инчунин ба Номгӯи ихтисосҳои дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/3 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Шумораи мақолаҳои дар ирфон нашршуда ба бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Кори илмӣ ба талаботи банди 25 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дарки ботинӣ, натиҷаҳои нави илмӣ ва пешниҳодро дорад, ки барои ҳимояи оммавӣ пешниҳод мегардад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм дарак медиҳад.

Хулосаи илмӣ баҳои ҳаматарафаи объективонаро дар таҳқиқи диссертатсионӣ дошта, мусбӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Иштирок доштанд: 13 нафар аъзоёни ҷаласаи кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи кафедра таҳти №16 аз 9-уми июни соли 2022.

Раиси ҷаласа:
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия С.Ҳ. Ҳусейнзода
«14» 06 соли 2022

Котиби ҷаласа:
Котиби Шӯрои олимони
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковник милитсия А.А. Абдурашидзода
«14» 06 соли 2022

«Имзои С.Ҳ. Ҳусейнзода ва
А.А. Абдурашидзодаро тасдиқ менамоям»:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Б.З. Музафарзода

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, 3 тел. +(992 37) 226 33 90, 226 60 43, 226 28 92, Веб-сайт: www.avkd.tj, E-mail: avkd.tj@mail.tj